**Хулосаи**

**роҳбари илмӣ доктори илми педагогӣ, профессор Маҷидова Бибиҳафиза ба диссертатсияи Абдусамадзода Бахтулло Абдулмароб дар мавзӯи «Шароитҳои педагогии таъмин намудани муҳити тандурустӣ ва ташаккули тарзи ҳаёти солим дар хонандагони синфҳои ибтидоӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ, аз рӯи ихтисоси 13.00.01 – педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) пешниҳод карда мешавад.**

Асри XXI, раванди ҷаҳоншавӣ, вазъи экологии сайёра ба тандурустӣ, солимии равонию ҷисмонии инсоният таъсири худро дорад. Аз ин рӯ таъмин намудани муҳити тандурустӣ ва ташаккулдиҳии тарзи ҳаёти солим яке аз вазифаҳои муҳими оила, муассисаҳои тандурустӣ дар ҳамкорӣ ба муассисаҳои таҳсилотӣ мебошад. Махсусан, гузаштани кӯдакон аз оила ва кӯдакистон ба муассисаҳои таҳсилоти умумӣ дигаргуниҳои ҷиддиро дар ҳолати руҳию равонӣ ва ҷисмонии онҳоро талаб мекунад. Таълиму тадрис дар синфҳои ибтидоӣ яъне 1 – 4 – ум дар ҳаёту инкишофи шахсияти кӯдакон нақши муҳим дошта ба шаклгирии сифатҳои шахсию иҷтимоии онҳо нақши муҳим мебозад. Омӯзгорон бо баробари додани дониш, маҳорату малакаҳои ибтидоӣ имконияти вазифадор ҳастанд муҳити солими тандурустии равонию ҷисмониро таъмин намуда ҷараёни ташаккулдиҳии тарзи ҳаёти солимро таъмин намоянд. Иҷрои вазифаи таъмин намудани муҳити тандурустӣ ва ташаккулдиҳии тарзи ҳаёти солим дар ҳамкорию ҳамдастӣ бо волидон, табибон ва дар раванди дарсҳо, ташкилу баргузории корҳои беруназсинфӣ имконпазир мебошад.

Мақсади асосии диссертатсияи Абдусамадзода Б.А. таҳқиқ ва баррасии асосҳои педагогии муҳити тандурустӣ ва технологияи ташаккулдиҳии тази ҳаёти солим дар хонандагони синфҳои ибтидоӣ аст.

Аз тарафи унвонҷӯй Абдусамадзода Б.А. дар давраҳои асосии корҳои илмӣ – татқиқотӣ (2017 - 2020) заминаҳои меъёрӣ – ҳуқуқӣ, барномавӣ – методӣ ва таҷрибаи таъмин намудани муҳити тандурурстӣ ва ташаккули тарзи ҳаёти солим дар Тоҷикистон, инчунин татқикотҳои илмии олимони ватанӣ ва хориҷӣ мавриди омӯзишу таҳлил қарор гирифтанд.

Дар рафти корҳои илмӣ – татқиқотӣ муҳаққиқ кӯшиши намуд ба масъала ва мавзӯи татқиқшаванда чун мутахассис муносибати комплексӣ намуда робитаи муҳити тандурустиро бо интихоби технологияи муосири ташаккулдиҳии тарзи ҳаёти солим алоқаманд намояд.

Яке аз дастовардҳои муҳими таткиқоти мазкур дар он аст, ки ба масъалаи банақшагирии истифодаи технологияи муҳити тандурустӣ барои хонандагони синфҳои ибтидоӣ диққати ҷиддӣ дода шудааст, ки раванди ташкилу баргузории корҳои таҷрибавӣ – озмоишӣ маҳз ба иҷрои ин амал асос ёфтааст. Натиҷаҳои кори таткиқотӣ аз тарафи муаллиф ҷамъбаст ва таҳлил карда шудаанд. Хулосаи бобҳо ва умумии кори диссертатсионӣ, тавсияҳои психологӣ – педагогии таҳия ва пешниҳодшуда ба мақсаду вазифаҳои таткиқотӣ мувофиқат менамоянд.

Автореферат ва маводҳои нашр кардаи муҳаққиқ мазмуну мухтавои асосии матни диссертатасияро дар бар мегиранд.

Кори диссертатсионии Абдусамадзода Бахтулло Абулмароб дар мавзӯи «Шароитҳои педагогии таъмин намудани муҳити тандурустӣ ва ташаккули тарзи ҳаёти солим дар хонандагони синфҳои ибтидоӣ» кори илмӣ – таткиқотии баанҷомрасида буда он барои дифоъ пешниҳод карда мешавад. Он ҷавобгӯ ба талаботҳои муқаррарнамудаи Комиссияи Олии Аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон буда барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ мувофиқат менамояд.

Роҳбари илмӣ,
доктори илмҳои педагогӣ,
профессори кафедраи педагогикаи махсус
ва таҳсилоти фарогири ДДОТ
ба номи Садриддин Айнӣ — Маҷидова Б.

Имзои профессор Б.Маҷидоваро
тасдиқ менамоям.
Сардори шуъбаи кадрҳо ва
корҳои махсуси ДДОТ
ба номи Садриддин Айнӣ — Назаров Д.М.

ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ОМӮЗГОРИИ ТОҶИКИСТОН БА НОМИ САДРИДДИН АЙНӢ
РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС